Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (734067, ш. Душанбе, кӯчаи Наҳимов, 64/14)

# ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в. дотсенти кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудити Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ Ойматов Бахтиёр Шораҳматович ба диссертатсияи Азимова Мукадасхон Муҳамедовна дар мавзуи «Идоракунии рушди бахши давлатии хизматрасониҳо дар самти пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон), ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.05.02 - Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт пешниҳод шудааст.

## 1. Муҳимияти мавзуи диссертатсия

Таҳқиқоти диссертатсионии Азимова Мукадасхон Муҳамедовна, ки ба мавзуи «Идоракунии рушди бахши давлатии хизматрасониҳо дар самти пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоиӣ (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон) бахшида шудааст, яке аз мавзуъҳои актуалӣ ва саривақтии муносибатҳои иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад. Дар шароити имрӯзаи иқтисодиёти бозорӣ пешниҳод ва рушди хизматрасониҳои иҷтимоӣ тавассути неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ дар самти идоракунии бахши давлатӣ яке аз омилҳои асосӣ ва муҳими расидан ба ҳадафҳои стратегии давлат ба шумор меравад. Аз ин лиҳоз, идоракунии рушди иқтисодиёти бахши давлатӣ дар самти пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ барои кулли мамлакатамон, хусусан вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаи асосии бахши давлатии иқтисодиёт дар самти сиёсати иҷтимоии давлат ба ҳисоб меравад.

Чи тавре ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон зимни Паёми худ дар

таърихи 23.12.2022 сол ба Маҷлиси Олии кишвар қайд карданд, ки мо бояд таваҷҷуҳи асосӣ ба рушди босуботи соҳаҳои иқтисоди миллӣ, пешгирӣ кардани таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба он, истифодаи самараноки иқтидорҳои мавҷуда, ташкили корхонаҳои истеҳсолӣ, таъсиси ҷойҳои кории нав, баланд бардоштани рақобатнокии маҳсулоти ватанӣ, тақвияти содирот, ташаккули «иқтисоди сабз», суръат бахшидан ба раванди рақамикунонии бахшҳои иқтисодиёт, инкишофи неруи инсонӣ ва беҳтар намудани сифати хизматрасониҳои иҷтимоӣ равона карда шавад. Дар ин замина ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ ба соҳаҳои иҷтимоӣ аз 9,1 миллиард сомонии соли 2018 то 14,7 миллиард сомонӣ дар соли 2022 ё 62 фоиз зиёд гардид. Дар панҷ соли охир танҳо барои рушди соҳаҳои маориф ва тандурустӣ 36 миллиард сомонӣ равона гардида, ҳиссаи маблағгузории соҳаҳои иҷтимоӣ дар ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ 44 фоизро ташкил кард.

Дар баробари ин, то охири соли 2022 ба 475 ҳазор шаҳрванди эҳтиёҷманди кишвар, аз ҷумла кӯдакони ятим ва бесаробон, маъюбон, оилаҳои камбизоат ва гирандагони нафақаи иҷтимоӣ кумаки молиявии якваќта дар ҳаҷми 600 сомонӣ иловатан пардохт карда мешавад ва ба ин мақсад 285 миллион сомонӣ равона мегардад. Бояд қайд намоем, ки дар солҳои соҳибистиқлолӣ шумораи аҳолии мамлакат аз 5 миллион нафар дар соли 1991 то ба 10 миллион нафар дар моҳи июли соли 2022 афзоиш ёфтааст, яъне ду баробар зиёд гардидааст. Аз ин лиҳоз, талаботи аҳолӣ ба хизматрасониҳои иҷтимоӣ низ афзоиши мўътадил дорад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то имрӯз оид ба мавзуи омилҳои мушаххаси таъсиррасонанда ба идоракунии рушди иқтисодиёти бахши давлатӣ дар самти пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ барои кулли мамлакатамон, хусусан вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳқиқоти пурра гузаронида нашудааст, ки боиси рушди хизматрасониҳои иҷтимоӣ гардида бошад, дар ин замина муҳимияти мавзуи таҳқиқшаванда ва арзиши илмии он асоснок ҳисоб карда мешавад.

## 2. Сохтори диссертатсия ва мазмуну мундариҷаи он

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсияи тақризшаванда ҳадаф ва вазифаҳои дар нақшаи кор овардашударо муайян менамояд.

Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуҳои илмӣ, мақсади таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, мавзуи таҳқиқот, фарзияҳои таҳқиқот, асосҳои назариявии таҳқиқот, сарчашмаи таҳқиқот, асосҳои методологии таҳқиқот, пойгоҳи таҳқиқот, навгониҳои илмии таҳқиқот, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия оварда шудааст. (С.4-16).

Дар боби якуми диссертатсия «Асосҳои назариявии рушди бахши давлатии хизматрасониҳои иҷтимоӣ», ба омӯзиши муносибатҳои назариявӣ доир ба шарҳи неъматҳои ҷамъиятӣ ва бахши давлатии хизматрасониҳои иҷтимоӣ, таснифи хусусиятҳои неъмаҳои муҳимми иҷтимоӣ ва рушди сохтори институтсионалии истеҳсолу пешниҳоди неъматҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим мавриди пажӯҳиш қарор гирифта шудааст. (С.16-48).

Дар боби дуюми диссертатсия «Таҳқиқи вазъияти истеҳсол ва пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ дар бахши давлатии хизматрасониҳои вилояти Суғд», сатҳи зуҳури вазифаҳои бахши давлатии хизматрасониҳои иҷтимоии вилоят ва ҳолати рушди истеҳсол ва пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ дар вилоят ва тамоюли инкишофи омилҳои интитутсионалии рушди бахши давлатии хизматрасониҳои иҷтимоии вилоят мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.(С. 66-100).

Дар боби сеюми диссертатсия «Такмили механизмҳои идоракунии бахши давлатии хизматрасониҳои иҷтимоии вилояти Суғд», масъалаҳои такмили механизмҳои идоракунии давлатии пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ дар вилояти Суғд мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. (С.117-130).

Дар хулоса ва пешниҳодот натиҷаҳои таҳқиқотии диссертатсия ва тавсияҳои хусусияти назариявӣ ва амалидошта, нишон дода шудааст (С.150-152).

## 3. Дарачаи асоснокии дастовардҳои илмӣ ва хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия овардашуда

Дар ҷараёни таҳқиқи диссертасия муллиф дар масъалаи идоракунии рушди иқтисодиёти бахши давлатӣ дар самти пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ аз адабиётҳои илмии ватанию хориҷӣ ба таври васеъ истифода кардааст. Дар ҷараёни таҳқиқот муаллиф аз усулҳои таҳлили диалектикӣ ва системавӣ, усулҳои абстраксия ва муқоисаи илмӣ, таҳлили иқтисодӣ ва математикӣ, усулҳои коркарди маълумотҳои оморӣ, усули экстраполятсионӣ, моделсозӣ ва ғайра истифода кардааст.

Заминаҳои базавию иттилоотии мавзуи мазкур аз Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои охир, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, барномаҳои давлатӣ, санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, консепсияҳо, ҳисоботҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар вилояти Суғд, инчунин маводҳои электронӣ ва ғайра сарчашма мегирад, истифода намудааст.

Аз рӯи таҳлилҳои дар диссертетсия овардашуда маълум мегардад, ки диссертант доир ба мавзуи таҳқиқотӣ аз адабиётҳои илмӣ хеле васеъ истифода карда, мустақилона маълумотҳои омориро ҷамъоварӣ карда, дар диссертатсия мавриди таҳлил ва инъикос қарор додаст.

## 4. Саҳеҳӣ, навгониҳои таҳқиқот ва натиҷаҳои бадастомада

Навгониҳои илмии диссертатсияи тақризшаванда ин дар коркарди асосҳои назариявию методии такмили механизмҳои идоракунии рушди бахши давлатии хизматрасониҳо дар самти истеҳсолу пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ ва тавсияҳои амалӣ доир ба баланд бардоштани сатҳи самаранокӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳо дар субъектҳои бахши номбурдаи вилояти Суғд зоҳир мегардад.

Дастовардҳои илмии муҳиме, ки муаллиф мустақиман ба онҳо ноил гардидааст, инҳо мебошанд:

1. Ба мафҳуми «Бахши давлатии хизматрасониҳои иҷтимоӣ» дар асоси ҷамъбасти тафсирҳои гуногуни мафҳуми мазкур, ки дар адабиёти иқтисодӣ мавҷуд аст, тасҳеҳ ворид карда шудааст;

2. Асоснок кардааст, ки такмилу коркарди механизмҳои рушди бахши давлатии хизматрасониҳо дар самти истеҳсолу пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ ба монанди илм, маориф, тандурустӣ, фарҳанг ва ғайра бояд ба сифату хусусиятҳои неъматҳои омехтаи ҷамъиятӣ, ки ба онҳо ҳам танзими давлатӣ ва ҳам танзими бозорӣ хос аст, такя кунад;

3. Тамоюли устувори рушди истеҳсолу пешниҳоди неъматҳои ҷамъиятӣ, ки аз табиати давлати иҷтимоӣ бармеояд, дар мамлакат ва минтақаҳои он муайян карда шуда, афзалиятҳои вилояти Суғд дар миёни минтақаҳо ҷудо карда шудааст;

4. Дар асоси таҳлили коррелятсионӣ-регрессионӣ, вобастагии суръати афзоиши ММM-и вилояти Суғд аз омилҳои таъсиррасони суръати афзоиши хароҷоти соҳаҳои маориф ва тандурустӣ муаяйн карда шудааст;

5. Инчунин тавсияҳои методӣ барои арзёбии фаъолият ва самаранокии низоми идоракунии бахши давлатии хизматрасониҳои вилояти Суғди ҷумҳурӣ дар соҳаи истеҳсолу пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ асоснок карда шудаанд;

6. Тавсияҳои илман асосноккардашуда, оид ба такмили низоми стратегии идоракунии бахши давлатии вилояти Суғд дар самти истеҳсолу пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ пешниҳод гардидаанд.

**Мувофиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси дарёфтшаванда**

Дар маҷмуъ гуфтан бамаврид аст, ки мазмун, мундариҷа, навгониҳои илмӣ, пешниҳоду хулосаҳои диссертатсияи мазкур ба бандҳои зерини Шиносномаи феҳристи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.05.02 – Хизматрасонӣ дар соҳаи илм, маориф ва иҷтимоиёт ба бандҳои 1.1. Ташаккул ва рушди бозори хизматрасониҳо дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт дар сатҳи минтақа ва умумимиллӣ; 1.5. Механизми идоракунии бозори хизматрасониҳои илм, маориф, ва

иҷтимоиёт; 1.9. Асосҳои иқтисодии амалкард ва дастгирии давлатии бахши хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт; 1.14. Идоракунии сифати хизматрасонии дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт; 1.18. Маблағгузории бахши хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт; 1.19. Рушди ҳамкориҳои муассисаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт бо субъктҳои соҳаҳои дигари иқтисодиёт мувофиқат мекунад.

**Муҳимияти хулосаву пешниҳодхо ва имконияти истифодаи онҳо дар илм ва амалия**

Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар имконпазир будани истифодаи ҷанбаҳои назариявии мавзуъ идоракунии рушди иқтисодиёти бахши давлатӣ дар самти пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоиӣ мебошад. Дар ин асос роҳҳои баланд бардоштани соҳаи хизматрасонии иҷтимоиёт дар вилояти Суғд  истифода кардан мумкин аст.

Аҳамияти амалии диссертатсия дар он аст, ки хулосаву пешниҳодҳои дар раванди таҳқиқот бадастомадаро мақомотҳои дахлдори давлатӣ метавонад ба роҳ монад, ки ба рушди идоракунии иқтисодиёти бахши давлатӣ дар самти пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ бурда мерасонад.

Ҳангоми шиносоӣ бо мазмуну муҳтавои диссертатсияи тақризшаванда маълум мегардад, ки муаллиф мустақилона ба дастрасии натиҷаҳои илмӣ ва коркарди назарияҳо оид ба рушди идоракунии иқтисодиёти бахши давлатӣ дар самти пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоии вилояти Суғд саҳми бориз гузоштааст.

**5. Тасдиқи ифодаи натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар нашрияҳои илмӣ**

Оид ба мавзуи диссертатсия аз ҷониби муаллиф 12 мақола, дар ҳаҷми 3,5 ҷузъи чопӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофшуда нашр гардидаанд.

## 6. Арзёбии моҳияти диссертатсия, сатҳи комилии он, эродҳо доир ба шаклгирии диссертатсия

Дар диссертатсияи таҳқиқшаванда ба назари муқарриз баъзе носаҳеҳиҳо мавҷуд аст, аз ҷумла:

1. Асосҳои назариявии рушди бахши давлатии хизматрасониҳои иҷтимоӣ камтар мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст, хуб мешуд агар аз асарҳои олимони ватанӣ васеътар истифода карда мешуд;
2. Дар боби якуми диссертатсия хуб мешуд агар диссертант таърифи рушди бахши давлатии хизматрасониҳои иҷтимоиро аз нуқтаи назари шахсии худ пешниҳод мекард;
3. Дар қисмати назариявии диссертатсия дар баъзе ҳолатҳо маълумотҳои таҳлилӣ ва ҷадвалҳо оварда шудаанд, ки аз лиҳози дастгоҳи илмӣ номувофиқ мебошанд, хуб мешуд, ки ин маълумотҳо дар боби дуюми диссертатсия истифода мешуданд;
4. Дар боби дуюми диссертатсия, ки ба таҳқиқи вазъи истеҳсол ва пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ дар бахши давлатии хизматрасониҳои вилоят бахшида шудааст, хуб мешуд агар муаллиф дар баробари он ба сатҳу сифати хизматрасониҳои иҷтимоӣ аҳамияти илмӣ медод;
5. Дар боби сеюми диссертатсия хуб мешуд агар муаллиф аз методҳои математикию иқтисодӣ истифода карда, модели идоракунии рушди иқтисодиёти бахши давлатиро дар давраҳои дарозмуддат пешниҳод менамуд;
6. Хулосаҳое, ки дар ҳар боби диссертатсия оварда шудааст, хуб мешуд агар муаллиф аз мазмуну мухтавои илмии диссертатсия васеъ истифода намуда, мукаммал гардонад;
7. Дар диссертатсия баъзе хатогиҳои услубӣ ҷой доранд.

Дар умум эродҳои зикргардида, сатҳи илмии таҳқиқоти диссертатсиониро кам намекунад. Инчунин бояд қайд кард, ки диссертатсияи таълифнамудаи Азимова Муқадасхон Муҳамедовна

таҳқиқоти комил ва баанҷомрасида, маҳсуб ёфта, диссертатсия аҳаммияти назариявию амалӣ дошта ва дар он мустақилияти муаллиф назаррас аст.

**8. Мутобиқати мазмуни автореферат бо мазмуни диссертатсия**

Автореферати диссертатсияи мазкур мазмуну мундариҷаи асосии таҳқиқоти диссертатсиониро дар худ таҷассум намуда, дар он навгониҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, ҷойгир карда шудааст.

**9. Баҳои умумии мутобиқати рисола ба талаботҳои муқаррарнамудаи КОА –и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Диссертатсияи Азимова Муқадасхон Муҳамедовна дар мавзуи «Идоракунии рушди бахши давлатии хизматрасониҳо дар самти пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)» навишта шудааст, таҳқиқоти илмии анҷомёфта буда, ҷавобгӯ ба талаботҳои Комиссияи олиии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таълифи рисолаҳои илмӣ мебошад. Аз ин лиҳоз, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.05.02 - Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт мебошад.

**Муқарризи расмӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ,**
**и.в. дотсенти кафедраи баҳисобгирии**
**бухгалтерӣ, таҳлил ва аудити**
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории**
**Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ** **Ойматов Б.Ш.**

Имзои **«Ойматов Б.Ш.»**-ро
тасдиқ менамоям:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДОТ ба номи С. Айнӣ **Мустафозода А.**

**Суроға: 734003, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121**
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории**
**Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ**
**E-mail: Bakha_007@mail.ru**
**Тел.:918786364**